«Тасдиқ мекунам»

Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Боймурод Шарифзода

«16» 02 2021

# Тақризи

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович таҳти унвони "Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик

Таъсири босамар ва густардаи оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ ба адабиёти асрҳои миёнаи форсии тоҷикӣ барои касе пӯшида нест. Ин таъсирпазирӣ аз оғози адабиёти форсии тоҷикӣ ба ин забон шурӯъ гардида, дар асрҳои баъдӣ боз ҳам бештар танаввуъ пайдо карда, бо роҳу василаҳои забониву баёнӣ ва бадеии гуногун ифода ёфтааст.

Асри XIV дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ бо вуҷуди шоирону орифони шуҳратманд аз адвори пурмаҳсул ва пурмуҳтаво мебошад, ки осори онҳоро бидуни таъсири оёти қуръонӣ ва ҳадисҳои паёмбари гиромии ислом тасаввур наметавон кард. Таҷаллӣ ва партави ин маншаи илҳому эҳсоси шоирон аз дигар унсурҳои ангезандаи ашъори шоирон муассиртар ва пурбортар будааст, ки дар ин маврид китобу мақолаҳои зиёд навишта шудааст. Яке аз шоирони маъруфи ин давра, ки осори ӯ бо фарогирии маънӣ ва мазмунҳои қуръонӣ ва ҳадисҳо бар дигар шоирони ҳамаҳди хеш бартарии қобили таваҷҷуҳе дорад, Камолуддин Абулато Маҳмуд ибни Алӣ ибни Маҳмуд машҳур ба Хоҷуи Кирмонӣ ва мулаққаб ба "Нахлбанди шуаро" мебошад, ки баракси тамоми шоирони дигари адаби форсии тоҷикӣ худ рӯзу моҳу соли таваллуди хешро дар маснавии "Гул ва Наврӯз" бо чанд солшуморӣ гуфтааст, ки хеле муҳим мебошад: рӯзи якшанбеи бистуми моҳи зулҳиҷҷаи соли 689 мутобиқи 24 декабри 1290 мелодӣ мешавад. Муайян кардани мақсаду ҳадафи шоирону орифон аз истифодаи мазмунҳои қуръонӣ ва ҳадисҳо дар осори бадеӣ аз вазифаҳои илми адабиётшиносӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ҳамин замина ба вуҷуд омадани рисолаи мавриди гуфтугӯ ба қалами Сатторов Амирҳамза Баҳодурович таҳти унвони "Таъсирпазирӣ аз

оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ" шоистаи таҳсин ва дастгирист. Дар муқаддима аз аҳаммияти мавзӯъ, пешинаи таҳқиқи масъалаҳои баррасишаванда, ҳадафи таҳқиқот, навгониҳои рисола, равишҳои таҳқиқ ва арзишҳои амаливу назарии он сухан рафтааст. Муаллиф дар се боби рисолааш ва зерфаслҳои онҳо, пеш аз ҳама, заминаҳои адабӣ, таърихӣ ва иҷтимоии зуҳури мазмунҳои қуръонӣ ва ҳадисҳоро пайгирӣ карда, мавқеи онҳоро дар адабиёти замони устод Рӯдакӣ таҳлил ва баррасӣ намудааст, ки намунаҳои бозмонда аз ашъори шоирони ин давра бо мазмунҳои китоби осмонӣ барои нишонрас ва муассир баён кардани мақсад ва ҳадафҳои адибон ороста гардидаанд.

Барои адабиётшиносии тоҷик ҷолиб он аст, ки диссертант яке аз сарчашмаҳои асосии такомули шеъри тоҷикӣ ба хусус ғазалиёти Хоҷуро дар истифодаи ба мавқеъ ва ҳадафмандонаи ин манбаи муҳимму саршор аз афкори пешқадам ва муфиду судманд, ки барои ҳамаи замонҳо ба дарди инсоният мехурад, медонад. Боби аввали рисола ба таъсирпазирии Хоҷу аз оятҳои қуръонӣ оид буда, аз се фасл иборат аст, нахустини он ба истифодаи нуктаҳои китоби муқаддас дар ғазалиёти шоир ихтисос ёфтааст. Дар ин маврид истифодаи шоир аз таркибҳои қуръонӣ: "равзаи хулд", "равзаи Ризвон", "аласту бираббикум", "ҷоми аласт", "шароби аласт", "базмгоҳи аласт", "доруссалом", "яди байзо", "унзур илайк", "нун ва-л-қалам" ва ғ. бо ишорат ба оятҳо ва мазмунҳои китоби муқаддас мақсаду ҳадафи муаллиф муассир ва бо таъкид ба зарурати мафҳумҳои боло баён шудааст, ки дар шеър барои расонидани паёми шоир аз воситаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки дар диссертатсия бо мисолҳои шоҳид таъйид гардидаанд. Дар иртибот ба ҳамин маънӣ фасли дигари боби аввал ба мавқеъу ҷойгоҳи талмеҳоти қуръонӣ оид мебошад, ки дар бораи бисёре аз шахсиятҳои қуръонии роиҷ дар шеъри Хоҷуи Кирмонӣ маълумоти муфассал дарҷ гардида, мутобиқати мисраву байтҳо бо оятҳои Қуръон нишон дода шудаанд. Фасли охирини ин боб ба таҳмидияҳои Хоҷу, ки маъмулан бо забони арабӣ ва бар мабнои оятҳои каломи раббонӣ суруда шудаанд, таҳлилу баррасӣ гардидаанд ва нақши онҳо дар таъйиди афкори шоир барои мухотабон асосӣ талаққӣ мешавад.

Ба ҳамин минвол дар боби дувуми рисола иқтибосоти Хоҷуи Кирмонӣ аз ҳадисҳои набавӣ ва дарҷи мазмуни онҳо дар ғазалиёти шоир мавриди гуфтугӯи муфассал қарор гирифтааст. Ҳунари шоир дар истифодаи мазмуни ҳадисҳо ва баъзан айнан овардани онҳо ба арабӣ барои таъйиди матлаби шоир ба васила онҳо дар диссертатсия бо мисолҳои шеърӣ тақвият шудаанд.

Дар боби охирини рисола аз корбурди саноеъи бадеӣ дар ду фасл ба тартиб дар никоти қуръонӣ ва ҳадисҳо набавӣ сухан ба миён омадааст ва дар ин маврид муаллиф таҷаллии ин мазмунҳоро дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ

дар муқоиса бо ашъори шоирони дигари то замони ӯ нишон дода, нақши истифодаи мазмунҳои ёдшударо дар ғазалиёти шоир баррасӣ кардааст.

Диссертатсия дар асоси сарчашмаҳои муҳимму қобили эътимоди осори матбӯъи Хоҷуи Кирмонӣ "Куллиёт"-и ашъори шоир ба эҳтимому тасҳеҳи Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ (Теҳрон, 1391/2013), "Девони комил"-и Хоҷуи Кирмонӣ, ба кӯшиши Саъиди Қонеъӣ (Теҳрон, 1374), "Қуръони карим", матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М.Умаров (Душанбе, 2007), "Ҷомеу-с-саҳеҳ"- и арабӣ-форсии Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ, 7 ҷилд (Теҳрон, 1391/2013), "Саҳеҳи Муслим", 4 ҷилд (Теҳрон, 1393/2015) таълиф шудааст.

Навии рисола дар он падидор мегардад, ки бори нахуст нақшу мақоми мазмунҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти шоири таъсиргузори асри XIV таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ Хоҷуи Кирмонӣ, ки ба истиноди сарчашмаҳо аз шоирони касирулашъори ин аср ба ҳисоб меравад, мавриди таҳқиқ қарор гирифта, баҳрабардории ӯ аз ин мавзӯъ, ҳунари шоири ӯ дар корбурди мазмунҳои мазкур муайян ва мушаххас карда шудааст. Таҳқиқоти ҳозир дар адабиётшиносии тоҷик қадами аввалин дар ин роҳ буда, аз лаёқату огоҳии муаллифи он гувоҳӣ медиҳад.

Арзиши назарии рисола дар муайяну мушаххас намудани нақшу нуфузи ашъори дорои мазмунҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ ҳамчун воситаи муассири таъсир ба хонанда ва мукаммилу мураттиби ҷанбаҳои зебоишиносии ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ инъикос ёфта, дар баррасиҳову таҳлили муаллиф сифатҳои мазкури ашъори истифодашуда хотирнишон гардидаанд.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии диссертатсияи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович ҳангоми омӯзиш ва таҳаввулу такомули муҳтавоии ғазали асри XIV, таҳқиқи ашъори шоирони ҳамасри Хоҷуи Кирмонӣ ва суханварони асрҳои баъдӣ, ки аз "тарзи сухани Хоҷу" пайравӣ кардаанд, метавонад судманд воқеъ гардад.

Муҳтавои диссертатсия бо фишурдаҳои он ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ва мақолаҳои илмие, ки довталаб дар маҷаллаҳо ба табъ расондааст, мувофиқат дорад.

Дар баробари комёбиҳои арзишманди илмӣ дар диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳснок ва машкук ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо бар суди пажӯҳиш хоҳад буд:

1. Дар боби аввали диссертатсия фасле дар мавриди байту мисраъҳои арабии шоир ё ба истилоҳ ашъори муламмаъот ихтисос меёфт, мавзӯъ мукаммал мегардид.
2. Хулосаи ҳар фасл хеле мухтасар ва он баъзан дар ҳудуди як ҷумла омадааст, ки натиҷаҳои таҳқиқотро нишон намедиханд.
3. Забон ва баёни рисола дар чанд маврид ба хатоҳои услубӣ ва мантиқӣ дучор гардидааст.
4. Номи китоби Алиасғари Ҳалабӣ дар саҳ. 106 "Таъсири Қуръон ва ҳадиси набавӣ" омадааст, ки комил нест.
5. Соли таваллуди шоир дар саҳ. 21 аз солшумории ҳиҷрӣ ба мелодӣ хато баргардонида шудааст.
6. Китобнома номураттаб ва таҳрири ҷиддӣ мехоҳад.
7. Хатоиҳои фаннӣ низ кам нестанд (саҳифаҳои 5,6,7,10,12,13, 92,97...)

Ниҳоят бо ин ҳама, камбудҳои дар боло зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, қимати илмии диссертатсияро коста наметавонанд.

Диссертатсияи Сатторов Амирҳамза Баходурович "Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ" таҳқиқоти илмии анҷомёфта ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик мебошад.

Тақриз дар маҷлиси шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар маҷлис 10 иштирок доштанд ва овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" 10 нафар, "муқобил" нест, "бетараф" нест. Қарори №1, 09 феврали 2021.

Тақриз аз тарафи ташхисгар Юсуфов У. А., номзади илми филология, ходими калони илмии шуъбаи таърихи адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ омода карда шудааст.

Раиси ҷаласа
ходими пешбари
илмии Институт н.и.ф. Муҳаммадиев Ш. М.

Котиби ҷаласа
ходими пешбари
илмии Институт н.и.ф. Маликова А. С.

Ташхисгар ходими калони
илмии Институт н.и.ф. Юсуфов У. А.

Имзоҳои Муҳаммадиев Ш.М., Маликова А.С. ва Юсуфов У. А. - ро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.М.

**Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21.**
**E-mail: iza_rudaki21@mail.ru**
**Тел.: (+992)2272907; (+992) 2273378; (+992) 2277550 ва (+992) 2272426**